“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор

_______________Ибодуллозода А. И.

«12» январи 2024

# ХУЛОСАИ

***ҷаласаи якҷояи кафедраи таърихи халқи тоҷик ва кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ***

Диссертатсияи Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна дар мавзӯи «Ҷашну маросимҳои анъанавӣ-тақвимии тоҷикони Рушон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.07. – мардумшиносӣ, этнология ва антропология бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таҳти № 12 аз 29 июни соли 2019 тасдиқ гардида, дар кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии донишгоҳи номбурда иҷро гардидааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи якҷояи кафедраи таърихи халқи тоҷик ва кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии ДДОТ ба номи С. Айнӣ аз 10 январи соли 2023 таҳти протоколи № 6 муҳокима гардида, ба он баҳои мусбӣ дода шуд.

Дар давраи омода кардани диссертатсия Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна ба ҳайси ассистент ва унвонҷӯи кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ фаъолият мекард.

Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна соли 2015 зинаи таҳсилоти бакалаврро аз рӯи ихтисоси таърих бо дипломи аъло ва соли 2017 зинаи таҳсилоти магистратураи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айниро аз рӯи ихтисоси таърих бо дипломи аъло хатм намудааст. Имтиҳоноти номзадиро пурра тибқи нақшаи таълимии шуъбаи аспирантура ва докторантура супоридааст.

Шаҳодатномаи № 1147, ки 08.11.2024 аз тарафи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар он хусуси дода шудаст, ки вай имтиҳонҳои номзадиро аз рӯи фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ, 09 декабри соли 2020) бо баҳои «аъло», таърих ва фалсафаи илм (25 майи соли 2023) бо баҳои «хуб», этнография, этнология ва антропология (23 ноябри соли 2023) бо баҳои «аъло» супоридааст.

Роҳбари илмӣ – номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Сайнак Парпишоевич Сайнаков мебошад.

Диссертатсияи Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна дар мавзӯи ***«Ҷашну маросимҳои анъанавӣ-тақвимии тоҷикони Рушон»*** дар ҷаласаи якҷояи кафедраи таърихи халқи тоҷик ва кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии ДДОТ ба номи С. Айнӣ баррасӣ гардида, дар муҳокимаи он аъзоёни кафедраҳо: докторони илмҳои таърих, профессорон Ҳақназаров Абдуназар, Ҳусайнов Аҳмадҷон Қурбонович, номзадони илмҳои таърих, дотсентон Н. Давлатбеков, М. Шарофова, Ғ. Гадоев, М. Шарипов, Д. Негматов, С. П. Сайнаков, Н. Зарифов, М. Ганҷакова, Т. Наҷмуддинов, Д. Раҳимзода, С. Толипова, Ш. Ҷонмуродов, Ё. Исмоилов, С. Ғуломшоев, А. Мусоев ва унвонҷӯёну докторантон (PhD)-и кафедра, инчунин намояндагони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ – н.и.т., ходими пешбари илмии шуъбаи этнология ва антропологияи таърихӣ Зинатмо Юсуфбекова, н.и.т., ходими пешбари илмии шуъбаи этнология ва антропологияи таърихӣ Муъмина Шовалиева, ходими илмии шуъбаи

этнология ва антропологияи таърихӣ Маснав Наврузбеков, мудири шуъбаи таърихи навтарини институти мазкур, н.и.т., дотсент Абдулло Ғафуров иштирок доштанд.

***Дар рафти муҳокимаи диссертатсия хулосаи навбатӣ қабул карда шуд:***

Диссертатсияи Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна дар таърихнигории тоҷик нахустин таҳқиқоти муфассал доир ба масъалаи ҷашну маросимҳои анъанавӣ-тақвимии тоҷикони Рушон ба шумор рафта, мавзӯъ аз ҷониби муаллиф бо фарогирии сарчашмаҳо, натиҷаҳои таҳқиқоти саҳроии худи диссертант ва таҳқиқоти олимони намоёни соҳаи мардумшиносӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертатсия бо услуби илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти мустақилона анҷомдодаи унвонҷӯ ба ҳисоб меравад. Дар он мақсад ва вазифаҳои илмӣ пурра иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳои муаллиф асоснок карда шудаанд.

***Мубрамии мавзуъ.*** Вобаста ба зарурияти воқеии таҳқиқот муҳимияти мавзуъ аз инҳо иборат мебошад:

-то имрӯз дар илм роҷеъ ба хусусиятҳои хоси этнографии тоҷикони рӯшонӣ, хусусан оид ба ҷашну маросимҳои онҳо таҳқиқоти алоҳида анҷом дода нашудааст. Ҳамин сабаб асоси мубрамияти мавзуъро муайян менамояд;

-мубрамии мавзуъ боз дар он зоҳир мегардад, ки эҳё намудани ҷашну маросимҳо, анъанаҳо, урфу одатҳои миллӣ ба яке аз самтҳои асосии сиёсати дохилии Ҳукумати Тоҷикистон табдил ёфтааст, аз ин лиҳоз таҳқиқоти илмии мо мутобиқи талаботи сиёсати даври ҳокимияти мамлакат мебошад;

-дар солҳои охир олимони хориҷӣ ва баъзе сиёсатмадорон дар масъалаи этникии сокинони Кӯҳистони Бадахшон консепсияҳои ғайрилмиро (хусусан дар самти этногенез) истифода бурда, мехоҳанд ба онҳо этноними алоҳида диҳанд, ки хилофи ҳақиқати таърихӣ мебошанд,

аз ин рӯ, таҳқиқ намудани мавзуи мазкур имконият медиҳад, ки ба назарияҳои ин гуна сиёсатшиносон, олимону таърихнависони навбаромад ҷавоби аниқ дода шавад, инчунин роҳи ҷавонон аз гаравидан ба фарҳанги маънавии бегона гирифта шавад;

-таҳқиқ намудани масъалаи мазкур имкон медиҳад, ки он ҷашну маросим, урфу одатҳои мардуми Рушон, ки аз байн рафтаанд ва ё дар зинаи азбайнравӣ мебошанд, мавриди барқарору хифозат қарор дода шаванд;

-натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дар раванди эҳё ва барқарор намудани хусусиятҳои муҳимми этнофарҳангии миллати тоҷик мавриди истифодаи амалӣ қарор меёбанд.

Ҳамин тавр, омӯзиши масъалаҳои ҷашну маросимҳои тақвимӣ-анъанавии тоҷикони Рушон мавзӯи мубрам мебошад ва он имконият медиҳад, ки тамоми сарчашмаву маводи илмӣ роҷеъ ба масъалаи мазкур дар доираи як диссертатсия ба риштаи таҳлили илмӣ кашида шаванд.

***Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ*** таҳлил ва омӯзиши ҷашну маросимҳои тақвимӣ-анъанавии тоҷикони Рушон, назар ба гузаштаи масъала ва муқоисаи он бо ҳолати имрӯза, муайян намудани сатҳи трансформатсия (дигаргуншавӣ) дар қайдкунии ҷашнҳо ва гузарондани маросимҳои мардумии рушониён аз охири асри XIX то замони муосир мебошад.

Вобаста ба мақсади мазкур дар диссертатсия ҳалли **вазифаҳои навбатӣ** гузошта шудаанд:

- инъикос намудани маълумоти таърихӣ-ҷуғрофӣ оид ба Рушон;
- таҳлил ва баррасии тақвимҳои анъанавии мавсимию кишоварзӣ;
- мавриди омӯзиш қарор додани идҳои тақвимӣ- анъанавии мардумӣ;
- баррасӣ намудани ҷашну маросимҳои тақвимии кишоварзӣ;
- нишон додани ҷашну маросимҳо вобаста ба соҳаи чорводории анъанавӣ;
- инъикос намудани ҷашну маросимҳо оид ба таваллуд ва тарбияи кӯдак;

- баррасӣ намудани маросимҳои никоҳ ва сури арусӣ ва нақши ҳисоби вақт дар он;
- инъикос намудани маросимҳо вобаста ба марг ва азодории тоҷикони Рушон.

***Навгониҳои илмии таҳқиқ*** аз он иборат аст, ки бори аввал дар диссертатсия дар шакли мукаммал масъалаҳои ҷашну маросимҳои анъанавӣ-таквимии рушониён ва нақши ҳисоби вақт дар он таҳқиқ гардидаанд. Дар диссертатсия назар ва андешаҳои муҳаққиқони мухталиф оид ба масъалаи мазкур ҷамъоварӣ ва таҳлил шудаанд, ки нахустин иқдом дар самти шиносоии бештар бо ҷашну маросимҳо ва анъанаҳои тоҷикони Рушон маҳсуб мешаванд. **Навгониҳои илмии таҳқиқ** дар инҳо ифода меёбад: бори нахуст оид ба Рушон маълумоти пурраи таърихӣ-ҷуғрофӣ дода шудааст; таквимҳои анъанавии мавсимию кишоварзӣ ва хусусияти он баррасӣ гардидаанд; идҳои анъанавӣ-мардумӣ ва динӣ аз нигоҳи илмӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд; ҷашну маросимҳои таквимии кишоварзӣ таҳқиқ гардидааст; ҷашну маросимҳо вобаста ба соҳаи чорводории анъанавӣ инъикос гардидаанд; ҷашну маросимҳо оид ба таваллуд ва тарбияи кӯдак омӯхта шудаанд; маросимҳои никоҳ ва сури арусӣ таҳқиқ шуданд; маросимҳои марг ва азодории мардуми Рушон баррасӣ гардидааст.

***Аҳамияти назариявии таҳқиқот*** дар он зоҳир мегардад, ки он дар асоси таҳқиқоти эмпирикӣ ва таҳлилӣ, фикру андешаҳои диссертант оид ба ҷанбаҳои муҳими ҷашну маросимҳои тоҷикони кӯҳистон барои муҳокимаи васеъ пешниҳод мегарданд, ки барои таҳқиқотҳои оянда дар самти омӯзиши таърих ва этнографияи халқи тоҷик хизмат хоҳад кард.

***Аҳамияти амалии таҳқиқот*** аз он иборат аст, ки маводи диссертатсия дар самти эҳё намудани фарҳанги этникии тоҷикон ва барои олимону муҳаққиқон дар раванди омӯзиши таърих ва этнографияи тоҷикон хизмат хоҳад кард. Натиҷаи таҳқиқотро инчунин дар раванди таълими таърихи халқи тоҷик, маъхазшиносӣ,

мардумшиносӣ ва таърихнигории таърихи халқи тоҷик ва навиштани асарҳои бунёдӣ оид ба соҳаҳои мазкур метавон мавриди истифода қарор дод.

***Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.*** Саҳми шахсии довталаб аз он иборат аст, ки дар асоси маъхазҳо, таҳқиқоти саҳроӣ ва адабиёти илмӣ масъалаи мазкурро таҳқиқ намудааст. Муаллиф, инчунин маросимҳои анъанавии мардуми Рушонро бо тоҷикони дигар минтақаҳои кӯҳистон муқоиса намуда, тафовутҳои ҷузии онро нишон додааст. Дар асоси ин сарчашмаҳои заруриро таҳлил намуда, хулосаҳои шахсиро баён намудаанд, ки натиҷаҳои дилхоҳ бароварда шудаанд. Диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти шахсии унвонҷӯй ба ҳисоб рафта, андешаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона баён ва иҷро шуда, дар он асос ва натиҷаҳои таҳқиқот инъикос ёфтаанд.

***Алоқамандии мавзӯи диссертатсия бо интихоби ихтисос.*** Диссертатсияи Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна дар мавзӯи ***«Ҷашну маросимҳои анъанавӣ-тақвимии тоҷикони Рушон»*** ба ихтисоси 07.00.07 – мардумшиносӣ, этнология ва антропология комилан мувофиқат менамояд.

Пуррагии маълумоти диссертатсия дар маводҳои нашршуда таҷассум ёфтааст. Қисмҳои алоҳидаи кори таҳқиқотӣ дар маърӯзаҳои илмии довталаб дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ баён шуда, ҳамчунин дар мақолаҳои илмии диссертант солҳои 2018-2023 навишта шуда, аз чоп баромаданд, инъикос ёфтаанд.

***Натиҷаҳои таҳқиқот.*** Натиҷаи муҳими диссертатсия дар он аст, ки бори нахуст масъалаҳои ҷашну маросимҳои тақвимӣ-анъанавии мардуми Рушон дар асоси факту далелҳо пурра ва дақиқ таҳлил гардида, дар сурати ҳамин таҳқиқот шакли мукаммалу мушаххасро пайдо кардааст. Диссертатсияи Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна сохтори муназзам, пайдарҳам ва мантиқӣ дошта, бо навгониҳо ва хулосаҳои илмӣ мувофиқат мекунад. Диссертатсия кори мустақилона анҷомдодаи

муаллиф ҳисобида мешавад. Мазмуни автореферат бо диссертатсия комилан мувофиқ мебошад.

Мундарича ва мухтавои асосии диссертатсия дар 14 мақолаи зерини нашршудаи муаллиф, ки аз онҳо 8 макола дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. инъикос ёфтааст:

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

1.Дарвозиева, Ҳ. Ш. Баъзе анъанаҳои наврӯзӣ дар Бадахшон [Матн] / Шоназар Ҷ. М., Дарвозиева Ҳ.// Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. 2019. № 1 (78). С. 211 – 213. ISSN 2219-5408.

2. Дарвозиева, Ҳ. Ш. Ҳаёт ва фаъолияти илмии профессор И. И. Зарубин [Матн] / Ҳ. Дарвозиева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. 2019. № 4 (81). С. 257 – 259. ISSN 2219-5408.

3. Ақризоев, М., Дарвозиева Ҳ. Ш. Инъикоси ёдгориҳои таърихии Бадахшон дар осори А. А. Бобринской [Матн] / М. Ақризоев, Ҳ. Ш. Дарвозиева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. 2020. №. 03 (86). С – 225 – 258. ISSN 2219 – 5408.

4. Сайнаков, С. П., Дарвозиева, Ҳ., Заметки С. П. Ванновского по этнографии рушанцев [Матн] / С. Сайнаков, Ҳ. Дарвозиева // Вестник педагогического университета. 2021. № 2 (91). С. 226 – 230. ISSN 2219-5408.

5. Дарвозиева, Ҳ. Ш. Дараҷаи инъикоси хаёти анъанавии аҳолии Помир дар асарҳои муҳаккиқони рус дар асри XIX [Матн] / Ҳ. Дарвозиева // Паёми Донишгохи омӯзгорӣ. 2022. № 1 (96). С. 240 – 243. ISSN 2219-5408.

6. Дарвозиева, Ҳ. Ш. Хусусиятҳои хоси маросими никоҳи рушониён ва нақши вақтмуайянкунӣ дар баргузории он [Матн] / Ҳ. Дарвозиева // Паёми Донишгохи омӯзгорӣ. 2022. № 2 (97). С. 299 – 302. ISSN 2219-5408.

7. Дарвозиева, Ҳ. Ш., Акризоев М., Баъзе ишораҳо оид ба тақвимҳо ва идхои анъанавии мардуми Рушону Шуғнон [Матн] / Ҳ. Дарвозиева, М. Акризоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. 2022. № 2 (97). С. 161 – 264. ISSN 2219-5408.

8. Сайнаков, С. П., Дарвозиева, Ҳ. Ш. "Тоҷикони водии Хуф"- и Михаил Степанович Андреев ҳамчун маъхаз оид ба ҷашну маросимҳо ва анъанаҳои мардуми Рушон [Матн] / С. П. Сайнаков, Ҳ. Ш. Дарвозиева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. 2022. № 6 – 2 (101). С. 273 – 277. ISSN 2219-5408.

**Дар дигар нашрияҳо:**

9. Дарвозиева, Ҳ. Ш. М. С. Андреев ва мардумшиносии тоҷик [Матн]/ Дарвозиева Ҳ. Ш. // Масоили муҳими таърихнигории муосир. Маводи конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявии бахшида ба 25-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: ДМТ, 22 ноябри соли 2017. С. 293 – 297.

10. Сайнаков, С. П., Дарвозиева, Х. Ш., Материалы В. Банковского о Рушане и рушанцах [Матн] / Сайнаков, С. П., Дарвозиева, Ҳ. // Материалы международной научно - практической конференции «XII Ломоносовские чтения», посвящённой Дню таджикской науки и 30-летию установления дипломатических отношений между Республикой Таджикистан и Российской Федерацией (Часть II. Общественные и гуманитарные науки). Душанбе: 29 – 30 апреля, 2022. С. 101 – 104.

11. Сайнаков, С. П. Дарвозиева Х. Ш. Памирский вопрос и этнополитическая ситуация в Рушане, Вахане и Шугнане в конце XIX веке [Матн] / Сайнаков С. П. Дарвозиева Х. Ш. // Артиши миллӣ – сипари боэътимоди ватан. Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-юмин солгарди таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 феврали соли 2023. Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2023. С. 49 – 52.

12. Дарвозиева Ҳ. Ш. Инъикоси ҷашни Меҳргон дар асарҳои Абурайҳон Берунӣ ва дигар маъхазхо [Матн] / Дарвозиева Ҳ. Ш. // Абурайҳон Берунӣ – алломаи Машрикзамин. Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ бахшида ба 1050 солагии Абурайҳон Берунӣ, Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 20 майи соли 2023. Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2023. С. 277 – 279.

13. Дарвозиева Ҳ. Фанни этнография ва усулҳои асосии таҳқиқи илмии он [Матн] / Дарвозиева Ҳ. Ш. // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - методӣ дар мавзуи "Масъалаҳои мубрами таълими таърих: мушкилот ва дурнамо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон" Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2023. С. 288 – 289.

14.Гадоев Ғ., Ёров М., Дарвозиева Ҳ. Тавсифи тақвимҳои мардумӣ (нишонҳисоб) дар кишваршиносӣ [Матн] / Гадоев Ғ., Ёров М., Дарвозиева Ҳ. // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - методӣ дар мавзуи "Масъалаҳои мубрами таълими таърих: мушкилот ва дурнамо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон". Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2023. С. 96 – 98.

***Карор қабул карда шуд:***

1.Диссертатсияи номзадии Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна дар мавзӯи «Ҷашну маросимҳои анъанавӣ-таквимии тоҷикони Рушон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.07. – мардумшиносӣ, этнология ва антропология таҳқиқоти илмии анҷом ёфта ҳисобида шуда, он ба талаботи мукарраргардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаҳои илмӣ комилан ҷавобгӯ мебошад.

2.Диссертатсияи Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна дар мавзӯи «Ҷашну маросимҳои анъанавӣ-таквимии тоҷикони Рушон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.07. – мардумшиносӣ, этнология ва антропология ба ҳимояи кушод дар Шӯрои

диссертатсионии 6D. КОА-035-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулоса, дар ҷаласаи якҷояи кафедраи таърихи халқи тоҷик ва кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ аз 10 январи соли 2024 таҳти № 6 қабул гардид.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 25 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 25 нафар, "зид" – нест, "бетараф" – нест. Қарори № 6 аз 10.01.2024 с.

Раиси ҷаласа, профессори
кафедраи таърихи халқи тоҷики
ДДОТ ба номи С. Айнӣ,
доктори илмҳои таърих Ҳақназаров Абдуназар

Котиби ҷаласа,
номзади илмҳои таърих,
и.в. дотсент Шарофова Мунаввара

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
ДДОТ ба номи С. Айнӣ
Телефон: (+992) 2241383
Почтаи электронӣ: info.tgpu.tj

Тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи С. Айнӣ Абдукарим Мустафозода

"11" 01 2024